## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Ф.М. Абдурашитов (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Ш.И. Қурбонова (аъзо) ва докториилмҳои таърих, профессор Н.Т. Раҳимов (аъзо ба дисертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад:

Муаллифи диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои ҷамъовардашуда ва омӯзиши адабиёти илмии ба мавзуъ мувофиқ буда, рисолаи пурмазмунеро пешниҳод намудааст, ки давраи нав, навтарин ва муосирро дар бар мегирад.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. Номи бобу зербобҳо ба номи диссертатсия мувофиқат карда, паҳлуҳои гуногуни мавзуъро баррасӣ намудааст. Ҳамаи бобу зербобҳо ба хулосаи натиҷаҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мубрамияти омӯзиши мавзуи мазкур аз он ҷиҳат зарур аст, ки ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хусусиятҳои этнографию тавсифи антропологии тоҷикони минтақаи Ғарм то асри XIX дар асарҳои гуногун зикр шудааст.

Дар замони шӯравӣ ва даврони истиқлолияти комили давлатӣ роҷеъ ба таърихи водии Рашт як қатор асару мақолаҳо рӯи чоп омаданд. Ҳамчунин, ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ноҳияҳои водии Рашт дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ инъикоси худро ёфтаанд аммо то имрӯз аз нигоҳи таърихнигорӣ матраҳ нагардидаанд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ аз он иборат мебошад, ки муаллиф омӯзиши масоили сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии минтақаи Раштро дар давраҳои наву навтарин аз ҷониби муҳаққиқон мавриди

баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеаҳоро дар манобеи хаттӣ, адабиёти илмӣ ва асарҳои илмиву оммавӣ мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро муайян намуда, маълумотҳои таърихии вобаста ба Қаротегин тозаёфтшударо ба доираҳои илмӣ ворид намояд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масоили таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраҳои муайян баррасӣ гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки сатҳи зарурии дараҷаи таҳқиқот муайян карда шуда, ҷанбаи илмии он қавитар ба назар мерасад. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссератсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмӯӣ оид ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX–и минтақаи Рашт, таълифи монографияҳо, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» истифода намуд. Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии минтақаи Рашт дар охири асри XIX ва ибтидои асри XXI имконият медиҳанд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои рисола барои ҳалли баъзе аз масоили таърихии асрҳои дар назар дошташуда муҳим мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои илмии диссертатсия, ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ ва гузарондани таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат мебошад.  Хулоса ва тавсияҳои диссертант дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод шудаанд

Мазмуни асосӣ ва дастовардҳои таҳқиқотии диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ва 9 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, баён шудааст.

Муаллиф дар таҳқиқи объект ва мавзӯи таҳқиқро дар алоқамандӣ бо вазифаҳо ва ҳадафҳои илмӣ дар асоси методологияи таърихӣ муайян намуда, таҳлилу хулосабардорӣ намудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дастгоҳи илмӣ тибқи талаботи муайянамудаи КОА тартиб дода шудааст. Руйхати маводи бойгони ва адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгу

мебошанд. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин маълумоти носаҳеҳ вуҷуд надорад.

Аз рӯйи гузориши мақсаду вазифаҳо, сарчашмаҳои истифодашуда, асосҳои методологӣ, мурамии мавзуъ, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот рисолаи диссертатсионии мазкур ба ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқ буда, ба талаботҳои КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқат дорад.

Автореферати муаллиф ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, комиссияи ташхис чунин хулоса мекунад, ки диссертатсияи аз ҷониби Мудабирзода Зафарҷон Бадридин таҳияшуда таҳқиқоти илмии ба итмомрасидаю мустақилона иҷрошуда мебшад. Муаллифи рисола мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаашро пурра иҷронамуда, асосҳои методологӣ, методҳои илме, ки истифода шудаанд, ба назария таърихшиносии кунунӣ фавобгӯй мебошад. Аз рӯйи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифӣ рисола ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) арзанда аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мазуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи

ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд: – Турсунов Бустон Раҳмонович - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ ба номи Бобоҷон Ғафуров; – Мирзоев Мирзо Низомудинович, н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Ф. М. Абурашитов**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ш. И. Қурбонова**

**доктори илмҳои таърих, профессор** **Н. Т. Раҳимов**

**Имзоҳои Ф. Абдурашитов, Ш. Қурбонова ва Н.Раҳимовро тасдиқ мекунам:**
**Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ** **Г.Қ. Файзуллоева**

ШУЪБАИ КАДРҲО

14.07.2025.